## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи «Мирзо Сиддиқи Фано дар доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Мавзуи диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна ба омӯзиш ва пажӯҳиши «Мирзо Сиддиқи Фано дар доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX» бахшида шудааст. Мақсади асосии кори диссертатсионии дисертант таҳқиқ ва пажӯҳиши умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX дар мисоли доираи адабии Истаравшан мебошад, ки тавассути таҳлили зиндагинома, осор, муҳтаво ва хусусиятҳо, шакл додани анвои шеърӣ, поэтикаи адибони ин доираи адабӣ ва махсусан яке аз намояндагони он Мирзо Сиддиқи Фано мебошад.

Дар илми адабиётшиносии тоҷик оид ба ҳаёти адабию мадании охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва як қатор намояндагони он асарҳои гуногуни илмӣ-тадқиқотӣ навишта шудаанд, аммо ҷараёни зиндагӣ ва осоре баъзе аз шоирони ин давр то кунун аз ҷониби муҳаққиқон ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Аз зумраи ин шоирон метавон Мирзо Сиддиқи Фаноро ном гирифт, ки роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти адабии ӯ то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосири тоҷик таҳқиқоти диссертатсионӣ ба анҷом нарасидааст. Кори диссертатсионии унвонҷӯ Ғафурова Ҷамила Музаффаровна, ки зери унвони «Мирзо Сиддиқи Фано дар доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX» ба анҷом расидааст, маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст. Дар диссертатсия аҳвол ва ашъори яке аз пешқадамтарин намояндагони доираи адабии ин давра Мирзо Сиддиқи Фано ба таври бояду шояд мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Мақсади асосии кори диссертатсионии дисертант таҳқиқ ва пажуҳиши умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри

XVIII ва аввали асри XIX дар мисоли доираи адабии Истаравшан мебошад, ки тавассути таҳлили зиндагинома, осор, муҳтаво ва хусусиятҳо, шакл додани анвои шеърӣ, поэтикаи адибони ин доираи адабӣ ва махсусан яке аз намояндагони он Мирзо Сиддиқи Фано сурат пазируфтааст. Таҳқиқ ва таҳлили мавзуи кор дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши ягона ва муфассали илмӣ мебошад, ки дар он мушаххасоти ҷараёни зиндагӣ, фаъолият, мероси адабӣ, мазмуну мундариҷа , забону сабки нигориш , тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ, таҳаввули анъанаҳои ашъори гуногунжанри Мирзо Сиддиқи Фано мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқ ва таҳлили мавзуи кор дар адабиётшиносии тоҷик пажуҳиши ягона ва муфассали илмӣ мебошад, ки дар он мушаххасоти ҷараёни зиндагӣ, фаъолият, мероси адабӣ, мазмуну мундариҷа, забону сабки нигориш, тарзи истифодаи санъатҳои бадеӣ, таҳаввули анъанаҳои шеъри классикии тоҷик дар мисоли ашъори гуногунҷанбаи шоир Мирзо Сиддиқи Фано таҳлил шудааст.

Аз равиши таҳқиқоти анҷомдода маълум мегардад, ки диссертант пажӯҳиши хешро дар асоси тамоми ашъори рӯичопомадаи шоир анҷом додааст.

Дар диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна роҷеъ ба андешаҳои адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, У. Каримов ва С. Саъдиев дар иртибот бо доираҳои адабии асрҳои XVI – XIX сухан рафта, нақши таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур дар муайян кардани мавқеи шоирони номдори ин давра, аз ҷумла Мирзо Сиддиқи Фано то ҷое баррасӣ гардидааст. Ба масъалаи таҳқиқи мавзуи мавриди назар диссертант дар диссертатсия мулоҳизаҳову хулосаҳои баровардаи хешро бо мисолҳои фаровон аз ашъори шоир тавқият бахшидааст.

Диссертатсияи анҷомдодаи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна аз лиҳози шакл ва муҳтаво дар асоси талабот нисбати чунин корҳои илмӣ

анҷом дода шудааст ва мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, арзиши назариявӣ ва амалии он дуруст муайян гардидаанд. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки диссертант дар иртибот ба масъалаҳои дармиёнгузошта, мақсаду вазифаҳои мавзуи диссертатсионӣ ва алоқаи мантиқии онҳо бо предмету объекти омӯзиш ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлили илмии сазоварро анҷом дода, хулосаҳои дурусти илмиро ба даст овардааст. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Диссертатсия ва автореферати Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи «Мизо Сиддиқи Фано дар доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мухтавои асосии диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ, қисматҳои асосии дисертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ муаррифӣ ва дар шакли маърӯза баён шудаанд. Инчунин, фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Паёми донишгоҳи милли Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба табъ расида, теъдоди умумии онҳо 13 адад, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфта мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ба теъдоди маводди дараҷаи илмӣ мувофиқат менамояд.

Дар матни диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосӣ оварда шудаанд ва мутолиаи онҳо шаҳодат бар он медиҳад, ки диссертант дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда муваффақ шудааст. Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX», ки аз ҷониби Ғафурова Ҷамила Музаффаровна анҷом пазируфтааст, пеш аз ҳама, барои таҳқиқи масоили марбут ба илмҳои адабиётшиносӣ, ба мисли таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва накди адабӣ арзишманд мебошад. Маводди диссертатсия метавонанд барои пурра кардани ҷойи холии мавҷуда дар бахши адабиётшиносӣ дар китобҳои дарсӣ мавриди истифода қарор гиранд. Истифода аз натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи дастурҳои таълимии соҳаи назарияи адабиёт судманд буда, қобили эътимод мебошанд.

Диссертатсия ба забони фасеҳи илмӣ нигориш ёфта, ба талаботи барасмиятдарории диссертатсия мутобиқ аст ва муҳтавои онро комилан инъикос мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат намуда, дастгоҳи илмии он ба талаботи «Дастуруламал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфтаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ

ба хулоса омад, ки диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи «Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи «Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
- **Ӯрунова Мавчуда Рустамовна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди

Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

Номзади илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Давлатов У. М.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Асозода Ҳ. Р.

Доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ Ғаффорзода Ш. Ҳ.

«02» марти соли 2026.